**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВИЛОЯТИ ХАТЛОН**
**РАИСИ НОҲИЯИ ҚУБОДИЁН**
**ҚАРОР**

№144 аз «31» марти соли 2015 д. Қубодиён

Оид ба қарори Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон аз 12 декабри соли 2014, №961 «Дар бораи тасдиқ намудани Низомнома ва ҳайати Комиссияи ҷамъиятии пешгирии коррупсия дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят».

Мутобиқи моддаҳои 24-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва 19, 20-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» қ а р о р м е к у н а д:

1.Қарори Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон аз 12 декабри соли 2014, №961 «Дар бораи тасдиқ намудани Низомнома ва ҳайати Комиссияи ҷамъиятии пешгирии коррупсия дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят» барои иҷро ба роҳбари гирифта шавад.

2.Ҳайати Комиссияи ҷамъияти оид ба пешгирии коррупсия дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ва Низомномаи он тибқи замимаҳои 1 ва 2 тасдиқ карда шаванд.

3.Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини раиси ноҳия Раҷабова М. гузошта шавад.

4.Қарори мазкур барои тасдиқ ба Маҷлиси вакилони халқи ноҳия пешниҳод карда шавад.

Раис С. Абдураҳмонзода

Замимаи №2
Бо қарори раиси ноҳияи Қубодиён
аз «31» марти соли 2015, №144
тасдиқ карда шудааст.

Низомномаи
комиссияи ҷамъиятӣ оид ба пешгирии коррупсия дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Комиссияи ҷамъиятӣ оид ба пешгирии коррупсия дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия (минбаъд комиссия) ҷиҳати пешгирии коррупсия дар маҳалҳо таъсис дода шавад.

2. Комиссия бо даранзардошти арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ назорати ҷамъиятии татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномавӣ, Стратегияи зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақшаҳои Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро амалӣ карда, робитаи устувор, мунтазам ва ҳамкориҳои судмандро дар байни аҳолӣ ва ҳокимияти давлатӣ барқарор менамояд ва ҳамзамон ҷиҳати ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба татбиқи дигар чорабиниҳои зиддикоррупсионии дорои хусусиятҳои умумидавлатӣ мусоидат менамояд.

3. Комиссия дар самти муқарраргардидаи фаъолият таҳлили мунтазами хавфҳои коррупсионӣ, экспертизаи ҷамъиятии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои хусусияти умумиҳатмӣ, аз ҷумла санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба тавсиб расонидаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатиро роҳандозӣ карда, ташкил ва гузаронидани семинару конференсияҳо, мулоқоту вохӯриҳо ва дигар чорабиниҳои дорои хусусияти таблиғотию ташвиқотии зиддикоррупсиониро дар маҳалҳо амалӣ менамояд.

4. Комиссия дар фаъолияти худ Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмиллалии эътирофнамудаи Тоҷикистон дар соҳаи мубориза бо коррупсия, инчунин Низомномаи мазкурро ба роҳбарӣ гирифта, аз натиҷаи фаъолияти худ ба Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузориш медиҳад.

## 2. Сохтор ва ташкили Комиссия

5. Ҳайати Комиссия аз раис, муовини раис, котиб ва аъзо иборат мебошад. Номзадии раиси Комиссия, муовини раис ва котиб аз ҷониби раиси ноҳияи барои тасдиқ ба Маҷлиси вакилони халқи ноҳия пешниҳод мегардад. Раиси Комиссия аз ҳисоби муовини сарпарасти соҳаи иҷтимоии раиси ноҳия ва

муовини раиси Комиссия аз ҳисоби намояндаи ҷомеаи шаҳрвандӣ пешбарӣ карда мешаванд. Нисфи аъзои Комиссия аз ҳисоби намояндагони мақомоти давлатӣ ва нисфи дигараш бошад аз ҳисоби намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳамаги на камтар аз 10 нафар ташаккул дода мешавад. Аъзои Комиссия бояд дорои таҳсилоти олӣ, собиқаи кориашон на камтар аз 5 сол бошад. Сохти механизми ротатсияи аъзоёни Комиссия тибқи мувофиқакунӣ дар дохили комиссия муайян ва пешбарӣ мешаванд. Ҳайати Комиссия ва Низомномаи он бо қарори Маҷлиси вакилони халқ тасдиқ карда мешавад. Матни Низомномаи Комиссия ва ҳайати Комиссияи ҷамъиятӣ дар шабакаи интернет ба аҳли ҷомеа пешниҳод карда мешавад.

## 3. Вазифаҳои Комиссия

6. Вазифаҳои Комиссия аз инҳо иборатанд:

-таҳлил ва баррасии масъалаҳои муқовимат бо коррупсия ва ҳамоҳанг намудани фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия;

-назорати ҷамъиятии иҷрои нақшаҳои кори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва Шӯрои миллии муқовимат бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути мониторинг ва пешниҳод намудани ҷамъбасти натиҷаҳои он ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ;

-фаҳмондадиҳии моҳияти санадҳои барномавии муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ, нақшаҳои кори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои миллии муқовимат бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни табақаҳои гуногуни аҳолӣ;

-якҷоя бо воҳидҳои пешгирии коррупсияи мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва дигар мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ баргузор кардани чорабиниҳои муштарак ва муосидат ба мақомоти давлатӣ ҷиҳати амалӣ намудани барномаҳои давлатӣ, нақшаҳои онҳо тавассути таҳияи лоиҳаҳои маблағгузории барномавӣ ва ҷалби лоиҳавию (грантии) шартномавии кӯмаки ташкилотҳои байналмиллалӣ, дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ, бахши хусусӣ ва иштироки дигар субъектҳои манфиатдор;

-ҷамъбасти таҷрибаи пешқадам оид ба пешгирии коррупсия;
махсусан дар маҳалҳо, корхонаҳо, муассисаҳо, дигар ташкилотҳо (минбаъд-ташкилотҳо), ба роҳ мондани таҳлили хавфҳои бавуҷудовардаи ҳолатҳои коррпусионӣ;

-баррасӣ ва экспертизаи ҷамъиятии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои хусусияти умумиҳатмӣ, аз ҷумла санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба тавсиб расонидани мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ;

-ба роҳ мондани тарғиб ва ташаккули маърифати зиддикоррупсионӣ, аз ҷумла мулоқоту вохуриҳо бо аҳолӣ, доир намудани семинару конфиренсияҳо, мизҳои мудаввар ва дигар чорабиниҳои таблиғотию ташвиқотие, ки моҳияти зиддикоррупсионӣ доранд;

-якҷоя бо мақомоти давлатӣ омода кардани нақшаи муштараки пешбурди маърифатию тарғиботӣ оид ба масъалаҳои муқовимат ба коррупсия дар байни аҳолӣ;

-тарғиб намудани фазилатҳои неки инсонӣ аз қабили ҷавонмардӣ ва дар рӯҳияи ватандӯсти тарбия намудани аҳли ҷомеа дар ҳамкорӣ бо бахшҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳи, оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ, кор бо занон ва оила ва дигар ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ муҳокима намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки аҳамияти маҳаллӣ доранд;

-баланд бардоштани эътимоди ҷомеаи шаҳрвандӣ нисбат ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ тавассутӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ;

-ҳамоҳанг намудани фаъолияти ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, ҳизбҳои сиёси ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар татбиқи сиёсати миллии зиддикоррупсионӣ ва дарёфти роҳҳои бартараф кардани сабаб ва шароитҳои бавуҷудовардаи омилҳои коррупсионӣ;

-гузаронидани таҳлили хавфи коррупсионӣ дар соҳаи маориф, тандурустӣ, хоҷагию манзилии коммуналӣ, кишоварзӣ ва дигар соҳаҳо бо мақсади ошкор сохтани зуҳуроти коррупсионӣ, пешниҳод намудани таклифҳо ҷиҳати бартараф намудани сабабу шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда;

-ба вуҷуд овардани фазои зиддикоррупсионӣ дар байни аҳолӣ ва ташаккул додани муҳити оштинопазир ба зуҳуроти коррупсионӣ;

-таъмини назорати ҷамъиятии гузаронидани чорабиниҳои зиддикоррупсионӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ:

-баргузор намудани чорабиниҳо ҷиҳати баланд бардоштани огоҳии аҳолӣ, омӯзиши намояндагони бахшҳои хусусӣ ва ба онҳо фаҳмондани оқибатҳои номатлуби коррупсия;

-таҳлили натиҷаи фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати бартараф намудани омилҳои бавуҷудомадаи ҳолатҳои коррупсионӣ ва омода сохтани пешниҳодҳо барои ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта дар фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ;

-дар доираи имконият мусоидат намудан барои татбиқи чорабиниҳои санадҳои барномавии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-амалӣ кардани вазифаҳои дигари пешбининамудаи қонунгузорӣ оид ба пешгирии коррупсия.

7. Комиссия бо мақсади ҳалли вазифаҳои худ ҳуқуқ дорад:

-дар таҳия ва омода намудани барномаҳои зиддикоррупсионӣ ташкилотҳоро новобаста ба шакли моликият ҷалб намоянд;

-дар самти пешгирии ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои дорои хусусияти коррупсионӣ иштироки васеи шаҳрвандро таъмин намоянд;

-бо мақсади мусоидат ба кори Комиссия дар ҳайати мутахассисони мақомоти давлатӣ ва коршиносон гурӯҳҳои корие, ки аъзои Комиссия ба онҳо роҳбарӣ мекунанд; ташкил намоянд;

-аз мақомоти давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳои маҳаллии дахлдор маълумоти заруриро доир ба масъалаҳои пешгирии коррупсия дархост ва дастрас намоянд;

-пешниҳодоти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро оид ба масъалаҳои пешгирии коррупсия омӯхта, ҷамъбаст намоянд.

## 4. Ваколатҳои раиси ва аъзои Комиссия

8. Раиси Комиссия:

-ба кори Комиссия бевосита роҳбарӣ мекунад;

-татбиқи вазифаҳои ба зиммаи Комиссия вогузоштаро ташкил намуда, барои иҷро гардидани онҳо масъул мебошад;

-вазифаҳоро байни аъзои Комиссия тақсим намуда, низоми дурусти аз ҷониби онҳо риоя гардидани талаботи Низомномаи мазкурро таъмин менамояд, барои ташкили кор оид ба назорат ва иҷрои он дар Комиссия масъул мебошад;

-оид ба татбиқи санадҳои барномавии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ташкилотҳо новобаста ба шакли моликият маълумот талаб менамояд;

-бо мақсади баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ барномаҳои таълимӣ тартиб медиҳад;

-ҷиҳати ба аҳолӣ фаҳмонидани моҳияти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномавии аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи муқовимат ба коррупсия ба тавсиб расидашуда тадбирҳо меандешад;

-бо мақсади огоҳ намудани аҳолӣ оид ба оқибатҳои номатлуби коррупсия ба нашри мақолаҳо ва таҳияву омода сохтани маҳфилҳои тарбиявӣ дар мавзӯи пешгирии коррупсия чораҳо меандешад;

-дар таҳияи ҳисоботи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ оид ба иҷрои Нақшаи чорабиниҳои Стратегияи муқовимат ба коррупсия ва дигар санадҳои барномавии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақшаи чорабиниҳои Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд;

-намояндагони ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, худфаъолиятии ҳудудии ҷамъиятӣ, муассисаҳои таълимӣ ва дигар ташкилотҳоро, новобаста ба шакли моликият ба ҷаласаҳои Коммисия даъват менамояд;

-дар ҳолати пайдо шудани зарурат ва мавҷудияти асосҳои кофӣ метавонад маҷлиси ғайри навбатии Комиссияро даъват ва маводи дар ҷаласа баррасишавандаро таҳия намоянд;

-ҳисоби сарчашмаҳое, ки санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардаанд, ҷиҳати пайдо намудани манбаъҳои молиявӣ ва техникии

амалисозии чорабиниҳои зиддикоррупсионӣ андешидаи Комиссия, ҳамкориро бо намояндагони мақомоти давлатӣ, соҳибкорон, ташкилотҳо, новобаста ба шакли моликият, ташкилотҳои байналмиллалӣ ва дигар шахсони воқеию ҳуқуқии манфиатдор ба роҳ монад;

-ҷараёни иҷрои татбиқи чорабиниҳои зиддикоррупсионии дар марҳилаи дахлдор ба нақша гирифтаи Комисияро назорат карда, ҷамъбаст намояд, инчунин бо истифода аз воситаҳои ахбори омма натиҷаашро ба аҳолӣ расонад;

-ҳисоботи раисони Комиссияи Ҷамоатҳои деҳотро оид ба натиҷаи фаъолияти худ шунавад;

-аз натиҷаи фаъолияти Комиссия раиси комиссия бо натиҷаи ҷамъбасти нимсола ва солона ҳарсол то 15 июл ва 15 январ оиди корҳои ба анҷом расонидаи Комиссия ба Комиссияи ҷамъиятии пешгирии коррупсия дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ҳисобот дода, пешниҳодҳои худро барои беҳтар намудани фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ оид ба муқовимат ба коррупсия ирсол менамояд.

9. Аъзои Комиссия:

-мувофиқи тақсимоти вазифаҳо корҳои мушаххаси ба зиммагузошташудаи худро иҷро мекунанд;

-дар доираи вазифаҳои худ бо маводи дахлдори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомоту идораҳо ва ташкилотҳо шинос мешаванд;

-дар чорабиниҳое, ки мутобиқи нақшаи фаъолияти Комиссияи назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо баргузор мегарданд, иштирок менамоянд;

10.Котиби Комиссия шахсе шуда метавонад, ки корманди масъули мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ буда, таҳсилоти олӣ дошта бошад;

10. Котиби Комиссия;

-масъалаҳои иттилоотию таҳлилӣ ва ташкилию техникии фаъолияти Комиссияро таъмин менамояд;

-рӯзномаи ҷаласаи Комиссияро ташкил мекунад;

-муроҷиатҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои ба Комиссия воридшударо таҳия ва ҷамъбаст карда, барои баррасӣ ба раиси Комиссия пешниҳод менамояд;

-якҷоя бо аъзои Комиссия ҳуҷҷатҳои заруриро оид ба масъалаҳои дар Комиссия баррасишаванда таҳия мекунад;

-ҷараёни иҷрои чорабиниҳои зиддикоррупсионии дар марҳилаи дахлдор таҳия намудаи Комиссияро ҷамъбаст карда, барои баррасӣ ба раиси Комиссия пешниҳод месозад;

-супоришҳои раиси Комиссияро иҷро менамояд;

-дар фаъолияти худ ба раиси Комиссия ҳисоботдиҳанда мебошад.

## 5.Тартиби даъват намудани ҷаласаҳои Комиссия ва қабули қарорҳо

11.Ҷаласаҳои Комиссия аз тарафи раиси Комиссия аз руи зарурат ё дар асоси ҷадвали тасдиққардаи Комиссия, вале на камтар аз ду маротиба дар як сол даъват карда мешаванд. Ҷаласаҳои ғайринавбатии Комиссия мувофиқи дастури раис даъват карда мешаванд.

12.Ҷаласаҳои Комиссия дар ҳолате салоҳиятнок шуморида мешавад, ки дар ҷаласа на камтар аз се ду ҳиссаи аъзои Комиссия иштирок намоянд.

13.Дар ҷаласаҳои Комиссия дар вақти баррасии масъалаҳои алоҳида шахсони даъватшуда иштирок менамоянд, ки руйхати онҳо аз руи ин масъалаҳо мувофиқи рӯзномаи ҷаласаи Комиссия муқаррар карда мешавад. Дар ҷаласаҳои пушидаи Комиссия фақат аъзои Комиссия иштирок карда метавонанд.

14.Рӯзномаи ҷаласа ва маводу масъалаҳои баррасишаванда на дертар аз се рӯзи корӣ пеш аз ҷаласа ба аъзои Комиссия пешниҳод мегарданд.

15.Аз рӯи натиҷаҳои баррасии масъалаҳо Комиссия қарори протоколӣ қабул менамояд, ки он барои баррасӣ ба мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои дахлдор ирсол мешавад.

16.Қарори Комиссия бо роҳи овоздиҳии кушода ва бо тарафдории овози аксарияти аъзои Комиссия, ки дар ҷаласа иштирок доранд, қабул карда мешавад. Агар ягон аъзои Комиссия доир ба қарори қабулкардаи Комиссия фикру мулоҳизаи махсус дошта бошад, он гоҳ ин фикру мулоҳиза ба қарори Комиссия дохил карда мешавад.

17.Ҷаласаи Комиссияро раиси Комиссия роҳбарӣ мекунад. Раиси Комиссия дар рафти ҷаласа муҳокимаи масъалаҳои рӯзнома ва мубодилаи афкорро ташкил намуда, лоиҳаи қарорҳои Комиссияро баъди баррасии онҳо ба овоз мегузорад.

18.Протоколи ҷаласаҳои Комиссия аз ҷониби Котиби Комиссия тартиб дода мешавад.

19.Аъзои Комиссия метавонанд пешниҳоди хаттии худро новобаста ба рӯзнома то тасдиқи он пешниҳод намоянд. Баъди тасдиқи рӯзнома Комиссия бо навбат ба муҳокимаи масъалаҳои рӯзнома мегузарад.

20.Оид ба масъалаи пешниҳодшуда аз тарафи шахси вобаста кардашуда маърӯза карда шуда, ба муҳокимаи аъзои Комиссия ва иштирокчиёни ҷаласа пешниҳод карда мешавад.

21.Протоколи ҷаласаҳо аз ҷониби раиси Комиссия дар мӯҳлати 3 рӯз имзо гардида, ба аъзои Комиссия фиристода мешавад.

22.Баробари гирифтани протокол аъзои Комиссия дар мӯҳлати 3 рӯз эроду мулоҳизаҳои ниҳоии худро ба таври хаттӣ ба раиси Комиссия пешниҳод менамоянд.

## 6.Таъминоти молияви фаъолияти Комиссия

23.Ташкили фаъолияти Комиссияро мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ амалӣ менамояд.